«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори ДМТ,
профессор Хушвахтзода Қ. Х.
_______________________
«____» _______ соли 2023.

Хулосаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**доир ба диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

Диссертатсия Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ», дар кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара омода шудааст. Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 16.10.2020, суратмаҷлиси №3 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва ҷаласаи Шурои олимони факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима ва аз даври якум ва дуюми экспертиза гузаронида шудааст.

Дар асоси муҳокимаи диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ”, дар кафедраи онтология ва назарияи маърифат, хулосаи зерин қабул карда шуд:

Диссертатсия ба яке аз мавзуҳои муҳими фалсафаи иҷтимоӣ бахшида шуда, барои ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ дорои аҳамияти калони амалӣ ва назариявӣ мебошад. Дар шароити имрузаи ҷаҳонишавӣ бисёре аз давлатҳои абарқудрат ба хотири амалӣ гардонидани ҳадафҳояшон омилҳои динӣ, аз ҷумла бо сиёсат омехта кардани динро ба таври васеъ истифода бурда истодаанд. Дар ин замина муайян намудани сабабҳо ва омилҳои сиёсишавии дин кори саҳл набуда, дар баробари муайян кардани сабабҳо ва омилҳо, инчунин оқибатҳои дигари он аз равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷаҳонӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, таҳлилу баррассии ҳаматарафаи масъалаи мазкур зарурати имрузаи на танҳо ҷомеаи тоҷикистонӣ, балки кулли давлатҳои ба ин масъала ру ба ру шуда мебошад.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки сиёсишавии дин дар шароите, ки буҳрони умумиҷаҳонӣ ва мушкилоти ҷомеаҳои миллӣ эътироф мегардад, барои Тоҷикистон низ бетаъсир намемонад. Ин тамоюлот ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳ ва шаклҳои гуногун таъсир мерасонад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои сиёсишавии дин паҳн гардидани идеологияи иртиҷоӣ ва тундагороёнаи диндорон ва руҳониён, таблиғи ғояҳои экстремистию террористии «исломизм» мебошад.

Дараҷаи омузиши мавзуъ тариқи методологияи дурусти илмӣ коркард шуда, аҳамияти илмии таҳқиқотҳои анҷомёфта муайян гардида, инчунин фарқияти таҳқиқотҳои пешниҳодшуда, нишон дода шудааст. Аз маълумотҳои пешниҳодкардаи диссертант маълум мегарданд, ки агар масъалаи сиёсишавии дин ва тамоми хосияти асосии онро дар шароити муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем, пас ҳамаи онҳоро метавон ба панҷ гурӯҳ ҷудо намуд.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили адабиёти илмӣ, омӯзиши равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода, натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи диссертатсияро

дар раванди таълими фанҳои фалсафаи сиёсат, фалсафаи иҷтимоӣ, сиёсатшиносӣ, сотсиология, диншиносӣ, амнияти давлатӣ ва монанди инҳо метавон истифода бурд.

Дар раванди таҳқиқот диссертант аз методҳои таҳқиқи мантиқӣ, муқоисавӣ ва таърихӣ, инчунин методҳои таҳқиқи умумиилмӣ ва муқоисавии илмӣ ба таври васеъ истифода намуда, масъалаҳои гузоштаро таҳлил ва хулосаҳои илмӣ пешниҳод кардааст.

Қисмати навоварии илмии таҳқиқот низ ба талаботҳои илмӣ ҷавобгуй мебошад. Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсиониро вазъи коркарди илмии мавзуъ муайян намуда, ба он асос меёбад, ки дар он бори аввал дар илмҳои фалсафии ватанӣ масъалаи раванди сиёсишавии дин ҳамчун раванди сиёсии манфӣ дар инкишофи ҷомеаҳои миллӣ аз ҷумла ҷомеаи миллии тоҷикистонӣ, хусусиятҳои муҳими он дар шароити муосир дар шакли васеъ ва бо фарогирии як кори тадқиқотии илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, хусусиятҳои муҳимми ин раванд нишон дода шудааст. Мушаххасан навгонии диссертатсияро метавон ба таври зайл баён кард:

- дар заминаи таҳлилу таҳқиқи адабиёти илмӣ моҳият, хусусиятҳои муҳими сиёсишавии дин нишон дода шудааст;
- сабабҳо ва заминаҳои ташаккулёбии сиёсишавии дин дар шароити муосир нишон дода шудаанд;
- дар заминаи омӯзиши омилҳои таъсиррасон ба сиёсишавии дин таъсири омилҳои хориҷӣ ба зуҳури ин падида таҳқиқ гардидааст;
- раванди пайдоиш ва рушду инкишофи сиёсишавии дин ҳам дар маҷмуъ ва ҳам дар шароити Тоҷикистон баррасӣ гардида, марҳилаҳои асосии ташаккулёбии он бо назардошти омилҳои сиёсӣ ва қонуниятҳои таърихӣ нишон дода шудаанд;
- шаклгирии ҳизбу ҳаракатҳои радикалӣ, хусусияти террористиву

экстремистидошта дар заминаи авҷ гирифтани раванди сиёсишавии дин дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, хусусиятҳои муҳимми онҳо муайян карда шудаанд;

- омилҳои таъсиррасон дар пайдоиш ва ҷоннок гардидани ин раванд таҳлилу баррасӣ гардида, дурнамои рушди принсипи ҳифзи манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ ва суботи сартосарии ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон дода шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ таҳия гардидаанд. Инчунин муаллиф дар асоси таҳлили равандҳои сиёсии замони муосир муҳиммият ва зарурияти омӯзиши сиёсишавии дин ва ошкор намудани тарафҳои гуногуни онро барои ҷомеаи тоҷикистонӣ асоснок намуда, хулосаҳои худро дар заминаи истифодаи методҳои илмии таҳия кардааст. Хулосаҳои таҳқиқот натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф мебошанд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, таҳлили сарчашмаҳо ва масъалаҳои гузоштешуда дар диссертатсия мувофиқи талаботҳои муайянгардида иҷро карда шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа пешниҳод гардидааст, аз рӯйи мазмуну мундариҷа ва муҳтавои худ ба ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

Хулоса ва тавсияҳои муаллиф дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунанд.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:

1. Исмоилов М.И. Сиёсишавии дин: муносибати назариявӣ ва

Консептуалӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №7. – С.282-288. ISSN 2413-5151

2. Исмоилов М.И. Масъалаҳо ва заминаҳои пайдоиши созмонҳо ва ҳаракатҳои динию сиёсӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 11. – С.301-307. ISSN 2413-5151

3. Исмоилзода М.И. Таъсири омилҳои хориҷӣ ба раванди сиёсишавии дин. (ҳаммуалиф: Н.Д. Маҳмадизода). // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. –№4. –С.220-228. ISSN 2074-1847

Диссертант вазифаҳои дар диссертатсия пешбинишударо ба пурраги иҷро намуда, хулосаҳои асосноки илмӣ пешниҳод намудааст. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқоти анҷомдодаи ӯро метавон кори мутақионаю баанҷомрасида донист.

Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, бо «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандии зич дорад.

Диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ, пешниҳод шудааст, мувофиқ ба талаботҳои муайянгардида ба диссертатсияҳои номзадӣ буда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-29 тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур, дар маҷлиси кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 29 марти соли 2023 қабул карда шудааст.

Дар маҷлис 12 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 12 нафар; зид нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №9 аз 29. 03. 2023.

**Мудири кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ.**

**Котиби ҷаласа, муаллими калони кафедра** **Калонзода Ф.И**

**Имзои Ҳаитов Ф.Қ**
**ва Калонзода Ф.И.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**